«*Тасдиқ мекунам*»
Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои таърих, профессор
____________ Убайдулло Н.К.
«2» марта 2019 года

## Хулосаи

Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна Подшохоним Давлатамоновна "Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 1991-2016», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07 00 02 – таърихи ватанӣ (илмҳои таърихӣ).

Рисолаи илмии "Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 1991-2016» дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

Унвонҷӯ Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна, соли таваллудаш 1990, соли 2013 факултети таъриху ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ва соли 2014 магистратураи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм кардааст. Аз моҳи августи соли 2017 дар вазифаи мудири шуъбаи кор бо занон ва оилаи ВМКБ кор мекунад.

Рисолаи илмии унвонҷӯ Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна дар мавзуи "Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 1991-2016» дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ муҳокима ва барои дифоъ пешниҳод карда шуда.

Дар муҳокима ширкат намуданд: Ғафуров А.М., мудири шуъба, номзади илмҳои таърих, дотсент, Абулҳаев Р., доктори илмҳои таърих, профессор, Ҳотамов Н.Б., доктори илмҳои таърих, профессор,

Абдурашитов Ф., доктори илмҳои таърих, Каримова Р., номзади илмҳои таърих, ходимони илмии шуъба Мирзоев Ҷ., Мусоев Ё., Акрамов М., Ҳусейнӣ Х., унвонҷӯ Абдурамонова П.Д.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи Абдурамонова П.Д. хулосаи зерин пешниҳод шуд:

**Мубрамияти мавзуъ** дар он зоҳир мешавад, ки Точикистон пас аз бартараф намудани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ собитқадамона тамоми соҳаҳои ҳаёти кишварро пеш мебарад. Дар ҷодаи фарҳанг низ дар 25 соли истиқлолият, ки мавриди тадқиқ қарор гирифтааст, комёбиҳои назаррас ба даст омаданд. Дар ВМКБ низ дар ин муддат соҳаи фарҳанг хеле пеш рафт. Аз ин ҷост, ки таҳлили чорякасраи бахши фарҳангии вилоят аз аҳамият холӣ нест ва он метавонад дурбини рушди минбаъдаи онро муайян созад. Ҳукумати кишвар қолабҳои замони пешинро шикаста, барои пешрафти ҳаёти фарҳангии ВМКБ, аз ҷумла, инкишофи инфрасохтори иқтисодӣ, тарбияи кадрҳои баландихтисоси дорои маълумоти олӣ ва касбии махсус, тандурустӣ, тарбияи томактабии кӯдакон, рушди макотиби миёна, инкишофи соҳаҳои санъат, шаҳрсозӣ, меъморӣ ва ғайра иқдомҳои наҷиберо ба сомон расонидааст, ки то кунун дар илми таърих перомуни ин масоил тадқиқоти мушаххас сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳлили илмии раванди таърихии рушди ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷониби унвонҷӯ лоиқи дастгирист.

**Саҳми шахсии муаллиф дар натиҷагирии мавзуъ** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои нашргардида доир ба ҳаёти фарҳангии ВМКБ бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ таҳлили маҷмӯии таҳқиқоти мазкурро анҷом додааст. Дар натиҷаи омӯхтани бахшҳои гуногуни соҳаи фарҳанги вилоят муаллиф онҳоро дар маҷмӯъ таҳлил намуда, роҳҳои минбаъдаи такмилёбӣ ва рушди минбаъдаи онро пешгӯӣ менамояд.

Роҷеъ ба дараҷаи омухта шудани мавзуъ бояд зикр намуд, ки мавзӯи мазкур рӯзмарра буда, то ин дам диққати муҳаққиқон ва зиёиёнро ба худ

ҷалб намудааст. Вале мавзӯи таҳқиқшаванда аз ҷониби олимону донишмандони соҳа ба таври мақсаднок ва комплексӣ омӯхта нашудаст, ки ин фикр дар мавриди таҳлили асарҳои мавҷуда аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти** дисертатсионӣ таҳлили маҷмӯи таърихнигорӣ ва инъикоси таърихи рушду нумуи фарҳанги Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои истиқлололият аз ҷониби муаррихон ва санъатшиносони ватанӣ ва хориҷӣ амалӣ гардидааст, ба ҳисоб меравад. Дар асоси сарчашмаҳои бойгонӣ, оморӣ, маводи васоити ахбори омма, хотираҳои ходимони фарҳанг, таҳлили илмии раванди таҳавуллоти таърихии ҳаёти меҳнаткашони ВМКБ пешниҳод мешавад.

Дар баробари ин муаллифи диссертатсия масоили тадқиқи раванди хусусиятҳои хоси ҳаёти фарҳангии ВМКБ, таҳлил ва омӯзиши фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, тадқиқи инкишофи соҳаи варзиш, таҳлили вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ, тадқиқи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ, омӯзиши таҷрибаи таърихии тайёр намудани мутахассисиони баландихтисос барои хоҷагии халқ, омӯзиши таҳсили ҷавонони ВМКБ дар муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ дар шароити густариши иқтисоди бозаргонӣ ва саҳми муассисаҳои тадқиқотии ВМКБ-ро дар инкишофи илмҳои ҷамъиятӣ ва табиатшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст.

**Навгонии илмии рисолаи Абдурамонова П.Д.** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар шакли рисолаи илмӣ дар таърихнигории ватанӣ таҳқиқоти дисертатсионие пешниҳод мегардад, ки ба омӯзиши ҳаёти фарҳангӣ, илм, маориф, соҳаҳои варзиш, сайёҳӣ, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумии ВМКБ дар замони истиқлолият бахшида шудааст, ба илм бори нахуст як қатор мадорики бойгонӣ, манобеъи таърихӣ ва маълумоти рӯзномавӣ-маҷаллавӣ ворид карда мешавад. Муаллиф хусусиятҳои хоси ҳаёти фарҳангии ВМКБ, фаъолияти муассисаҳои

фарҳангӣ ва рушди ҳунарҳои мардумиву инкишофи соҳаи варзишро дар ВМКБ нишон дода, вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди соҳаи сайёҳиро дар вилоят дар асоси мадорики бойгонӣ таҳлил намудааст. Тадқиқи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ ва саҳми муассисаҳои тадқиқотии ВМКБ дар инкишофи илмҳои ҷамъиятӣ ва табиатшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки кори диссертатсионии Абдурамонова П.Д. дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муаррихон ҷиҳати муайян кардани равияҳо, усулҳо ва услубҳои тадқиқоти хеш, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик бахшида шудаанд, кумаки воқеӣ расонанд. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои офаридани тадқиқоти нав дар омӯзиши таърихи ватанӣ, курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанни “таърихи халқи тоҷик”, “таърихи фарҳанг” ва курсҳои “фарҳангшиносӣ дар макотиби олии равияи санъат истифода шаванд.

Хулосаҳои умуминазариявии таҳқиқоти дисертатсионӣ ҳангоми банақшагирии барномаҳои минбаъдаи рушди фарҳанги мамлакат метавонанд истифода шаванд.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти фарҳангии мамлакат, махсусан фаъолияти муассисаҳои дахлдор имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

Рисолаи илмии Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна “Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 1991-2016», ҷавобгуи талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07 00 02 – таърихи ватанӣ (илмҳои таърихӣ) тавсия карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа ширкат доштанд – 9 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 9, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи № 3 аз 2 марти соли 2019.

Мудири шуъбаи таърихи
навтарини Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент Ғафуров А.М.

Имзо
Подпись
Тасдиқ мекунам/Удостоверяю
Котиби илмӣ/Учёный секретарь
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии
ба номи А.Дониши АИ ҶТ
Институт истории, археологии
и этнографии
им. А.Дониша АНРТ
Имзо
Подпись